


22 марти соли 2018 дар хошияи Огози Дахсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор, солхои 2018-2028” Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон дар чорабинии Мачмаи Умумии СММ тахти унвони “Об ва энергия: дарёфти алокамандии байни Хадафхои шашум ва хафтуми рушди устувор” иштирок ва суханронӣ карданд.

Нахуст Сарвари давлат мухтарам Эмомалӣ Рахмон ба созмондихандагони хамоиши мазкур изхори сипос намуда, иброз доштанд, ки Точикистон чонибдори пешбурди раванди халли самараноки масъалахо дар сохаи обу энергетика буда, ният дорад, ки бо хамаи  тарафхои манфиатдор хамкории фаъолро ба рох монад.

Президенти мамлакат таъкид доштанд, ки гидроэнергетика омили мухимми рушди ичтимоию иктисодӣ дар бисёр кишвархо бокӣ мемонад ва Чумхурии Точикистон, ки дорои захирахои бузурги об ва иктидори гидроэнергетикӣ мебошад, хамеша омодагии хешро барои хамкорӣ бо хама чонибхои алокаманд, пеш аз хама бо кишвархои хамсоя,  дар самти истифодаи самаранок, мутакобилан судманд ва окилонаи захирахои обу энергетика ба манфиати кулли кишвархои минтака изхор медорад.

Таъкид гардид, ки азхудкунии муштараки ин иктидори азим метавонад ба халли фарогири як катор масъалахои ичтимоию иктисодӣ ва экологии Осиёи Марказӣ мусоидат намояд.

Аз чумла, ин тадбир дар навбати аввал ба таъмини амнияти обӣ ва обтаъминкунии кафолатнок барои обёрии заминхои тамоми кишвархои Осиёи Марказӣ дар хушксолихо тавассути танзими бисёрсола ва мавсимии мачрои об  дар обанборхо, хамчунин ба пешгирии холатхои фавкулодаи вобаста ба об, мисли селу обхезӣ, мусоидат мекунад.

Дуюм бахрабардорӣ аз иктидори бузурги гидроэнергетикии Точикистон имкон медихад, ки минтака бо кувваи барки дастрас ва аз лихози экологӣ тоза таъмин шавад ва хамзамон барои татбики Хадафи хафтуми рушди устувор мусоидат сурат гирад. Дар нихоят истифодаи захирахои гидроэнергетикии мамлакат инчунин ба кохиши назарраси пахншавии гази карбон дар атмосфера мусоидат мекунад.

Дар охир Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон изхори умед намуданд, ки чорабинии имрӯза дар мавриди мухокимаи вобастагии мутакобил байни захирахои об ва энергетикӣ, инчунин барои тахияи тавсияхои мушаххас оид ба истифодаи фарогир, окилона ва устувори захирахои табиӣ сахми иловагии худро хохад гузошт.

Баъди суханронии Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Рахмон рохбарони як катор ниходхои СММ, аз чумла Мачмаи Умумии Созмони Милали Муттахид, ниходи  СММ-Об, ЮНИСЕФ ва дигарон баромад карда, халли мушкилоти обро аз маъалахои мубрами чомеаи чахонӣ арзебӣ карданд ва ба чониби Точикистон барои пешниходи тадбири навбатӣ бахри халлии мушкилоти глобалии сайёра бахои баланд доданд.